# ТАҚРИЗ

**ба автореферати кори диссертатсионии Абдуллоева Ҳангома Файзуддиновна дар мавзӯи «Коркарди технологияи маҳсулоти функсионалии қаннодии ордӣ бо иловаи орд аз донаи каду навъи маҳаллӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 05.18.01 - – Технологияи коркард, нигаҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полезӣ ва ангурпарварӣ**

Айни замон вазифаи аввалиндараҷаи саноати хӯроквории муосир истеҳсоли маҳсулоти функсионалии озуқаворӣ ба ҳисоб меравад, зеро маҳсулоти мазкур на танҳо талаботи физиологии одамро вобаста ба фаъолияти ҷисмонӣ, синну сол, намуди фаъолият конеъ мегардонад, инчунин як қатор бемориҳоро пешгирӣ менамояд. Ҳоло истеҳсоли озуқаворӣ аз ҳисоби маҳсулоти функсионалӣ сол то сол вусъат меёбад. Бинобар ин, вазифаи асосии саноати хӯрокворӣ ҷустуҷӯи компонентҳои функсионалӣ дар асоси ашёи хоми анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ мебошад.

Каду як намуди сабзавот, ки навъҳои зиёд дорад, метавонад ҳамчун манбаи компонентҳои функсионалӣ истифода шавад. Зироати каду ва маҳсулоти коркари он аз сафедаҳои пурарзиш бой буда, дорои наҳҳои ғизоӣ ва моддаҳои минералӣ мебошад. Аз ин рӯ, омӯзиши таркиби химиявии донаи кадуи навъи маҳаллӣ ҳамчун маводи функсионалӣ ва истифодаи он дар технологияи маҳсулоти қаннодии ордии барои инсон фоиданок яке аз масъалаҳои мубрам дар илми технологияи коркард ба ҳисоб меравад.

Аз тарафи Абдуллоева Ҳ.Ф. истеҳсоли маҳсулоти қаннодии ордии функсионалӣ бо истифодаи ашёи таркиби химиявиаш бо моддаҳои фоидаовар ғанӣ, ки донаи каду мебошад ва ин зироат дар шароити Ҷумҳурии мо дар ҳамаи маҳалҳо парваришшаванда аст, омӯхта шудааст. Диссертант нишон додааст, ки иловаи бамеъёри орди донаи каду ба таркиби дастурамали ду намуд маҳсулоти қаннодии ордӣ ба сифати маҳсулоти тайёр таъсири манфӣ намерасонад. Маҳсулоти тайёр соҳиби натиҷаҳои хуб аз рӯи нишондиҳандаҳои органолептикӣ ва физикӣ – химиявӣ гардида, бо баробари ин дорои арзиши биологӣ ва ғизогии баланд шуданд. Маҳсулоти тайёр бо сафедаҳо, наҳҳои ғизоӣ, моддаҳои минералӣ ғанӣ гардид, ки чунин маҳсулотро бешубҳа ба вояи ғизогирии омма ва шахсони ниёзманди ин моддаҳои фаъоли биологӣ тавсия додан мумкин аст. Истифодаи чунин ашёҳо, ки таркиби химиявии бой ва хосиятҳои муолиҷавиро дорост, муҳиму саривақтист. Истеҳсоли ин гуна маҳсулотҳо барои таъмини саломатии аҳолӣ ва пешравии соҳаи саноати хӯрока, бахусус саноати нонию қаннодӣ хеле мусоид мебошад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертасионӣ дорои навгонии илмӣ мебошанд, ки дар асоси омӯзишу таҳлили таркиби химиявӣ ва хосиятҳои технологии орди донаи каду ва коркарди технологияи маҳсулоти қаннодии ордии дорои хосиятҳои функсионалӣ ба амал омаданд.

Аҳамияти амалии таҳқиқотро коркарди дастурамал ва технологияи истеҳсоли маҳсулоти қаннодии ордӣ, коркарди ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба мисли шартҳои техникӣ, дастурамалӣ истеҳсолӣ, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқҳо дар

барномаи таълимии як қатор фанҳои тахассусӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои технологӣ таъмин мекунад.

Хулосаҳо натиҷаҳои асосии тадқиқоти гузаронидашударо ба пуррагӣ инъикос менамоянд.

Бо вуҷуди иҷрои корҳои таҳқиқотии назаррас дар матни автореферати диссертасия ба камбудию норасогиҳо роҳ дода шудааст, чунончи:

1. Муаллиф аз наххои ғизоӣ танҳо миқдори клетчаткаро муайян кардааст. Дар бораи миқдори наххои ғизоии ҳалшаванда маълумот нест.
2. Муаллиф натиҷаҳои омӯзиши тағйироти намнокӣ ва фаъолнокии обро дар маҳсулоти қаннодии коркардшуда дар ҷадвалҳо пешниҳод намудааст. Хуб мешуд, ин натиҷаҳо ба тарзи графикӣ нишон дода мешуданд – дар ин маврид натиҷаҳо аёнтар мегаштанд.
3. Коркарди статистикии маълумотҳои бадастомада нишон дода нашудааст.

Хато ва эродҳои номбаршуда ислоҳшаванда буда, ба сатҳи таҳқиқот таъсири манфӣ намерасонанд.

Кори диссертатсионӣ дар мавзуи «Коркарди технологияи маҳсулоти функсионалии қаннодии ордӣ бо иловаи орд аз донаи кадуи навъи маҳаллӣ» ба ҳама талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ко бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст ба пурраги ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертасия Абдуллоева Ҳ.Ф. сазовори унвони номзади илмҳои техникӣ аз рӯи ихтисоси 05.18.01 - – Технологияи коркард, нигаҳдорӣ ва коркарди хӯшагиҳо, лӯбиёгиҳо, маҳсулоти ғалладона, мевагию полизӣ ва ангурпарварӣ мебошад.

Номзади имлҳои техникӣ,
муовини ректори Донишгоҳи
техникии Тоҷикистон оид ба
равобити хориҷӣ — Ҷурахонзода Р.Ҷ.

*Суроға: 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, к.. акад. Раҷабовҳо 10,*
*Тел.:*
*E.mail:*

*Имзои Ҷурахонзода Р.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам*

*Сардори шуъбаи кадр* ____________ 13.04.2024 *Қодирзода Н.Ҳ.*

*Муҳр*